# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

ба диссертатсияи Элчибекзода Баҳригул Идибек дар мавзуи «Масъалаи инсон дар таълимоти Фахриддини Розӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.03. – Таърихи фалсафа – шаҳри Душанбе, 2025 с.

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмие**, ки Элчибекзода Баҳригул Идибек дар мавзуи «Масъалаи инсон дар таълимоти Фахриддини Розӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.03. – Таърихи фалсафа интихоб намудааст, комилан мувофиқ мебошад. Таҳқиқоти диссертатсияи Элчибекзода Баҳригул Идибек ба яке аз масъалаҳои муҳимтарини таърихи фалсафаи тоҷик бахшида шудааст, ки масъалаи мазкур дар бандҳои 1,2,4 ва 6-уми шиносномаи ихтисоси илмии 09.00.03. – Таърихи фалсафа барои таҳқиқ пешбинӣ гардидааст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ**. Омӯзиши масъалаи инсон, нақш ва мақоми ӯ дар таърихи афкори динӣ, фалсафӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоию фарҳангии халқи тоҷик мақоми хос дошта, дорои ҷойгоҳи махсус мебошад, зеро он тӯли таърих борҳо мавзуи омӯзиши муҳаққиқон ва донишмандон қарор гирифтааст. Чуноне, ки масъалаи мазкурро худи диссертант низ таъкид менамояд: “Масъалаи инсон, нақшу мақоми ӯ дар фалсафа ва муносибатҳои байни фарҳангӣ дорои ҷойгоҳи махсус буда, тӯли таърих он борҳо мавзуи омӯзиши мутафаккирони давраҳои гуногун: антиқа, асримиёнагӣ ва муосир қарор гирифтааст.” (саҳ. 3. дисс.) Қобили зикр аст, ки мавзуи инсон аз аҳди қадим то имрӯз бо тамоми ҷанбаҳои ахлоқию зебоишиносӣ, педогогию психологӣ, биологию иҷтимоӣ, антропологӣ ва ғайрааш мавриди омӯзиш ва таҳқиқи садҳо олимону донишмандон ва аҳли илму адаб қарор гирифтааст.

Омӯзиш ва таҳқиқи андешаҳои инсоншиносии Фахриддини Розӣ низ ҳамчун идомаи мантиқии афкори фалсафии донишмандони халқи тоҷик буда, дар шароити имрӯза аҳаммияти ҳам назарӣ ва ҳам амалӣ дорад. Шинохти мақом ва ҷойгоҳи инсон ҳамчун мавҷуди антропобиосотсиогинезӣ дар таълимоти ин мутафаккир ба ҳайси як мутакаллими ақлгаро байни калому фалсафа хеле муҳим мебошад. Ҳамчуноне, ки диссертант таъкид месозад: “Таълимоти инсоншиносии Фахриддини Розӣ дорои аҳаммияти фалсафӣ-илмӣ буда, дар ҳаёти маънавӣ, фарҳангӣ ва динии ҷомеаҳои мусалмонӣ мавқеъи шоистаро сазовор аст, зеро таълифоти ин мутафаккир то ба имрӯз ҳамчун намунаи беҳтарини афкори ақлгароёнаи фалсафӣ ва сиёсӣ-иҷтимоӣ хизмат менамояд”. (дисс. саҳ.5)

Маврид ба зикр аст, ки муаллифи диссертатсия андешаҳои инсоншиносии Фахриддини Розиро аз нигоҳи назариявию методологӣ, таърихӣ, муқоисавӣ, гипотетикӣ, системавӣ ва ғайра омӯхта, афкори ӯро ба ҳайси як мутакаллими ақлгаро дар созиш додани принсипҳои озодии

виҷдон ва таҳаммулгароии динӣ ошкор сохтааст. Чунин муносибати муаллифи диссертатсия гувоҳии он аст, ки мавзуи мазкур дар муқобили хатару таҳдидҳои ҷаҳони муосир, аз қабили терроризму экстремизми динӣ ва хатару таҳдидҳои сиёсию фарҳангии бегона ва халал ворид накардни андешаҳои бегона замина фароҳам созад. Дар ин ҷода худи муаллифи диссертатсия таъкид месозад, ки :...масъалаи таҳқиқи осори гузаштагон, аз ҷумла осори гаронбаҳои илмию фалсафии Фахриддини Розӣ мебошад, зеро омӯзиши осори гузаштагон ба мардуми Тоҷикистон ва саъю талоши онҳо дар раванди эҳёву бунёди пояҳои давлатдорию фарҳангии миллӣ кӯмаки бештар намуда, дар раванди ташаккули худшиносию ифтихори миллии онҳо таъсири зиёд дорад". (саҳ.4. дисс.)

Муҳимтарин хусусияти дигаре, ки аҳаммияти мавзуи диссертатсияро дар шароити имрӯзаи ҷомеаи тоҷик арзишнок нишон медиҳад, ошкор сохтани неруҳои ботинии инсон аз мавқеи фалсафӣ ва ратсионализми динӣ аст, ки ҳангоми пажуҳиши воқеъбинонаи илмии осори Фахриддини Розӣ, ба вижа, таълимоти инсоншиносии ӯ анҷом дода шудааст. Ин бахши таълимоти мутафаккир метавонанд дар муқобили афкори исломии тундгаро истодагӣ ва бо назарияҳои ислоҳотгароии исломӣ созгор бошанд. Воқеан, муаллифи диссертатсия Элчибекзода Баҳригул Идибек дар таълимоти Фахриддини Розӣ табиату моҳияти инсон, маънию мақсади зиндагӣ, ҳуқуқу озодиҳои ӯ ва роҳҳои расидан ба камолоти маънавии инсонро илман асоснок нишон дода, дар ҳама давру замон арзишманд будани онҳоро таъкид месозад.

Аҳаммияти дигари таҳқиқоти диссертатсияи Элчибекзода Баҳригул Идибек дар мавзуи «Масъалаи инсон дар таълимоти Фахриддини Розӣ» дар он аст, ки муаллиф доир ба коркарди ҷанбаҳои назариявию амалӣ ва методологии масъалаи инсон ва роҳҳои ташаккули шахсият таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда, бо овардани далелҳои муътамад онҳоро асоснок кардааст, ки инро дар истифодаи асарҳои бевоситаи худи Фахриддини Розӣ, монанди "Тафсири кабир", "Ҷомеъ-ул-улум", "Ал-Арбаин фӣ усули дин", "ан-Нафс ва-р-руҳ", "Ҳифз-ул-бадан", "Ал-Матолиб-ил-олия мин-ал-илм-ул-илоҳия", "Лавомеъ-ул-байинот фӣ шарҳи асмо-ул-лоҳ-ут-таъало вас-сифот", "Ар-Рисолат ас-собиъуна ва ишруна фи исбот-ил-ҷавҳар-ул-фард", "Ал-Арбаъин фи усули-д-дин", "Чаҳордаҳ рисола", "Ал-Бароҳин дар илми калом", "Мабоҳис-ул-машриқия фӣ илм илоҳиёт ва табииёт", "Мантиқ-ул-мулаххас", "Шарҳу-л-ишорот ва-т-танбеҳот", "Маноқиб-ул-имом шофеия", "Ал-Эътиқод фирақ-ул-муслимин вал-мушрикин", "Китоб-ул-ахлоқ", "Ан-Нафс ва-р-руҳ ва шарҳи қуввоуҳум" ва дигар таҳқиқоту сарчамаҳо мебошад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Омӯзиш ва таҳқиқи афкори фалсафии Фахриддини Розӣ доир ба масъалаи инсон, ки яке аз донишмандони барҷастаи асри миёнагии тоҷик - форс мебошад, дар нуктаҳои асосие, ки муаллиф пешниҳод менамояд. Нахустин бор дар таърихи фалсафаи тоҷик

таҳқиқи илмии моҳияти таълимоти инсоншиносии Фахриддини Розӣ ҳамчун қисми таркибии таълимоти фалсафии ӯ анҷом гарифта, масъалаи пайдоиш ва моҳияти инсон дар контексти ҷаҳонбинии мутафаккир нишон дода шудааст. Инчунин ҷанбаҳои муҳими таълимоти антропологии мутафаккир доир ба камолоти маънавию ахлоқии "инсони комил" дар муқоиса бо назарияи аҳли тасаввуф асоснок шуда, таҳлили илмии ратсионализми динии Фахриддини Розӣ доир ба инсон ва мухолифати ӯ ба таассуби динӣ анҷом дода шудааст.

Яке аз муҳимтарин ҷанбаҳои диссерататсияи Элчибекзода Баҳригул Идибек дар он аст, ки муаллиф бори аввал ба омӯзиши мавзуи мазкур даст зада, аз сарчашмаҳои зиёди таърихӣ, осори бе воситаи Фахриддини Розӣ, донишмандону муҳаққиқони асри миёнагӣ ва замони муосири ватанию хориҷӣ васеъ истифода намудааст. Ҳамчунин аҳаммияти назарию амалӣ доштани корро дар шароити имрӯзаи ҷомеаи Тоҷикистон, ҷустуҷӯи усулҳои оптималии инкишофи шахсияту ҷомеа, дастоварду анъанаҳои миллӣ, ташаккул додани шахсиятҳои баркамол ва рукнҳои давлату давлатдории миллӣ нишон додаасг.

Навгонии илмии дигари таҳқиқоти диссертатсионии диссертант дар он аст, ки муаллифи диссертатсия бори нахуст дар таърихи фалсафаи тоҷик таҳқиқи илмии моҳияти таълимоти инсоншиносии Фахриддини Розиро ҳамчун қисми таркибии таълимоти фалсафии ӯ анҷом додааст. Ба ақидаи муаллифи диссертатсия: "Табиат ва моҳияти инсон дар доираи талаботи моддию маънавӣ ва руҳии ӯ баррасӣ гардидааст. Муҳимтарин масъалаи табиати инсонро тафовути нафсонии ӯ ташкил медиҳад." (саҳ.87. дисс.).

Аз ҷониби дигар муаллифи диссертатсия проблемаи марказии пайдоиш ва моҳияти инсонро дар таълимоти Фахриддини Розӣ дар доираи контексти ҷаҳонбинии мутафаккир мушаххас намудааст. Дар ин ҷода ҷанбаҳои муҳими таълимоти антропологии мутафаккирро нишон дода, инсонро ҳамчун мавҷуди мураккаб эҷодкору офаранда, тасхиргари баҳру биёбон, харобкору созанда, танзимнагу ҳадшикан, дорои руҳи муҷаррад, яъне руҳе, ки малакутию осмонист, «нафси муҷаррад ё руҳи муҷаррад» ва ғайра нишон медиҳад. Ба ақидаи муаллиф: а) Бадани инсон ҷавҳарест мутассиф (васфшуда) ба ҳарорат ва рутубат ва ин ду омил ҳар гоҳ бо якдигар таомул дошта бошанд, бухор тавлид мекунанд ва ҳамин муҷиби инҳилоли (заволи) бадан мешавад ва далели тавлиди бухор аз бадани инсон, ба ғизо ниёзманди будани ӯ аст; б) Бадани инсон дар давраи тифлият мавҷуди кӯчаку заиф ва дар давраи ҷавонӣ мавҷуди бузургу тавонманд аст, ки он аз табдили доимии аҷзои бадан вобаста аст; в) Бадани инсон ҳамвора байни ду ҳолат: пирию ҷавонӣ дар норасоӣ аст, ки ҳамагӣ аҷзои бадани инсонанд; г) Бадани инсон инфисоли (аз ҳам гусастан ва ҷудо шудан - Э.Б.) рутубатҳои зиёд ва аз он дар ҳоли инҳилол аст ва ин баёнгари вуқуи табдил аз инҳилоли бадан ба наҳваи истиқрорӣ аст (саҳ.91. дисс.)

Ҷолибияти дигар диссертатсияи Элчибекзода Баҳригул Идибек дар он аст, ки ӯ принсипҳои маънавӣ-ахлоқии таълимоти “инсони комил”-ро дар муқоиса бо назарияи аҳли тасаввуф аз мавқеи ратсионализми динӣ асоснок карда, доир ба ҳар яке онҳо далелҳои мантиқӣ овардааст. Ин муносибаи муаллиф сабаб мегардад, ки фаҳмиш ва таҳқиқотҳои баъдӣ низ нисбат ба таълимоти инсони комил аз мавқеи ратсионализми динӣ доир ба инсони комил сурат гиранд ва таассуби диниро дар ҷомеа камтар гардонанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта**. Муаллифи диссертатсияи мазкур дар дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот пеш аз ҳама таваҷҷуҳи хосро ба асосҳои назариявию методологии мавзуи таҳқиқшаванда равона намудааст, ки ин яке аз қисматҳои асосию эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот мебошад. Элчибекзода Баҳригул Идибек дар баррасии мавзуи мазкур ва қисматҳои он таваҷҷуҳи асосиро дар баёни мантиқии муҳокимаю хулосабарориҳо, пайдарҳамии фикру андешаҳо равона сохтааст. Чунин тарзи муносибат ва муҳокимаю хулосабарориҳо баёнгари истифодаи методҳои гуногуни илмӣ, монанди таърихӣ, диалектикӣ, таҳлилӣ, муқоисавӣ, системавӣ, мантиқӣ ва ғайра дар диссертатсия мебошанд, ки ин бо таҳқиқоти таърихи фалсафа ва инсоншиносӣ ифода меёбад. Ҷанбаи дигари асоснокӣ ва эътимотнокии хулосаву тавсияҳои муаллифи диссертатсия дар он аст, ки муаллиф агар чӣ аз таҳқиқотҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ба таври васеъ истифода намуда бошад ҳам, истифодаи асарҳои бевоситаи худи Фахриддини Розӣ, донишмандони асримиёнагӣ ва замони муосир бо сарчашмаҳои таърихӣ мебошанд, ки (бо нишон додани беш аз 45 манбаҳои таърихӣ диссертатсияву монаграфияҳо, саҳ.7. дисс.) қисме аз натиҷаҳои таҳқиқот дар заминаи таҳлили онҳо ба даст омадаанд.

Хулоса ва тавсияҳои назариявӣ ва амалие, ки аз ҷониби муаллифи диссертатсия Элчибекзода Баҳригул Идибек пешниҳод гардидаанд, бо эътимод буда, онҳоро метавон дар курсҳои махсуси таълимӣ низ истифода намуд. Аз сӯи дигар метавон онҳоро дар ташаккули ҷаҳонбинии дунявии ҷомеа, худшиносии миллӣ, эҳтиром ба арзишҳои фарҳанги миллӣ ва ғайра муҳим арзёбӣ намуд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсияи Элчибекзода Баҳригул Идибек аз мундариҷа, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, ду боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва номгӯйи интишороти довталаб иборат буда, дар ҳаҷми 175 саҳифа анҷом ёфтааст.

Бояд қайд кард, ки дар муқаддима мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок гардида, мақсад ва вазифаҳои асосии таҳқиқот муайян шуданд. Инчунин дар он асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқот, объекту предмети таҳқиқ, навгонии илмӣ ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшуда, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот ва дараҷаи татбиқи таҳқиқот нишон дода шудаанд.

Дар боби якум, ки зери унвони **“Заминаҳои таърихӣ-иҷтимоӣ ва ғоявии ташаккулёбии таълимоти Фахриддини Розӣ”** ном гирифтаст, аз се зербоб иборат мебошад. Дар зербоби аввал доир ба заминаҳои иҷтимоӣ-фарҳангии таълимоти фалсафии Фахриддини Розӣ ва бархӯрдҳои сиёсию фарҳангии хилофатро дар асрҳои X-XIII, авзои ноорому зиддиятҳои ақидавии ин давраи хилофат ва таъсири онҳо афкори ин мутафаккир ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Чуноне, ки худи муаллиф таъкид месозад: “Ҳаёт ва фаъолияти Фахриддини Розӣ (1149-1209) ба ҳайси як фақеҳ, файласуф, муаррих, пизишк, муфассир, хатиб ва мутакаллими ақлгаро [26, с.160] дар шаҳри Райи Эрон ба ҳамин давра, яъне замони салтанати салчуқиҳо рост меояд, ки саршор аз мунокишаҳои сиёсӣ, муборизаҳои гурӯҳҳои гуногун барои ба даст овардани ҳокимият буд”. (дисс. саҳ.16) Аз сӯи дигар муборизаҳои ақидавии байни мазҳабу равияҳои исломӣ, монанди мотуридия, ашъария, муътазилия, карромия, исмоилия, имомия, машшоия, калом ва тасаввуф, ҳанафия ва ғайра баҳсҳоро шадидтар намуда, ҳатто баъзан ин баҳсҳо ба ҷанг анҷом ёфтанашон таҳқиқ гардидааст.

Ҳамчунин таъсири “фарҳанги исломӣ” ба таълимоти фалсафии Фахриддини Розӣ ба ҷаҳонбини ин мутафаккир баррасӣ гардида, баҳсу ихтилофҳои сиёсию иҷтимоӣ ва ғоявию фарҳангиеро, ки дар низоми идорӣ ва фарҳангии замон, инчунин ихтилофҳое, ки дар ҷаҳонбинии динию ақидавии равияву ҷараёнҳо ҷой доштанд, таҳқиқ гардидааст. Масъалаҳое, ки байни мазҳабу ҷараёнҳои исломии ин давра дар доираи мактабҳои каломӣ сурат мегирифт, масъалаи хилқат (офариниш)-и инсон, ҷабру ихтиёр, озодӣ ва ирода, ҳусну қубҳ ва ғайра буданд, ки дар доираи таълимоти исломӣ (Қуръон) ва таълимотҳои фалсафӣ ба таври печида баҳсҳои гуногунро ба вуҷуд меоварданд, мавқеи Фахриддини Розиро дар ин баҳсҳо нишон додааст.

Муҳақиқи диссерататсия Элчибекзода Баҳригул Идибек табиати инсонро пеш аз ҳама аз хостаҳо ва талаботи биологию психологӣ ва иҷтимоии ӯ баррасӣ карда, дидгоҳи бевоситаи Фахриддини Розиро чунин меоварди: “муносибати инсон дар асоси се шарт сурат мегирад: а) ҷаҳонбинӣ ва худшиносӣ, ки дар доираи онҳо инсон бо нерӯи донишу илм ва огоҳии ботинию зоҳирии нерӯи табиии хеш кӯшиш менамояд, то ҳадди имкон ба моҳияти ашёву зуҳурот сарфаҳм равад ва қонунҳои онро дарк намояд ва бо нерӯи хирадаш он чӣ барои зиндагияш созгор аст, мувофиқ созад; б) зиёдталабӣ дар хостаҳои нафсонию шаҳвонӣ, ки баъзан ҳастии инсонияшро ба олами ҳайвонӣ наздик мебарад; в) қобилияти худташаккулдиҳӣ, ки дар табиати инсон аст, мутааллиқи ҳеҷ мавҷуди дигаре нест”. (дисс. саҳ. 43)

Ҳамчуноне, ки дида мешавад муаллиф дидгоҳи Фахриддини Розиро байни ин равияву ҷараёнҳои динӣ муросокорона ва аз нигоҳи ақлгароёна баррасӣ карда, байни дину фалсафа созишкорона муносибат намудааст. Чунин муносибати созишкорона ва такя ба фалсафа, боис гардид то

Фахрриддини Розӣ зери таъсири таълимоти файласуфон, монанди Арасту, Форобӣ ва Ибни Сино қарор гирад. Муаллифи диссертатсия таъсири таълимотҳои фалсафиро ба ҷаҳонбинии Фахриддини Розӣ дар доираи асарҳои “ан-Нафс ва руҳ” ва “Рисолае дар чистии нафс”-яш нишон дода, таъкид менамояд, ки Фахриддини Розӣ ба масъалаи инсон таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, масъалаи инсонро дар доираи назарияи солимии нафс баррасӣ намудааст ва сарчашмаи онро ақл ҳисобидааст. Ба қавли ӯ: “ Фахридддини Розӣ ақлро ба манзалаи бузургтарин неъмати илоҳӣ, заминаи асосӣ дар ташаккули маърифати инсон аз олам ҳисобидааст. Ба ақидаи ӯ, манзалати ақл фармонраво будан аст ва саломатии нафс ба ҳифзи он (ақл) вобаста мебошад”. (дисс. саҳ.69) Дар ин қисмат муаллиф андешаҳои Фахриддини Розиро ба андешаҳои дигар файласуфон муқоиса намуда, табиати инсонро дур аз ниёзҳои моддию маънавии ӯ тасаввур нашаванда маънидод кардааст.

Дар боби дуюм, ки зери унвони “Андешаҳои Фахриддини Розӣ доир ба масъалаи табиат ва моҳияти инсон” номгузорӣ шудааст, аз се зербоб иборат мебошад. Дар ин қисмат муаллиф оид ба табиат ва моҳияти инсон андешаҳои файласуфонро оварда, сипас ба таҳлилу баррасии онҳо ва муқоисаи андешаҳои Фахриддини Розӣ бо файласуфон мепардозад. Зимни шаҳру баррасии мавзуи мазкур табиати инсонро мураккабу зиддиятнок дониста, чунин меҳисобад: “...агар табиати инсонро бе шуур, ақл, қобилияти маърифатию маънидодкунии олами артоф, худшиносӣ, худсозии иҷтимоию мадании он тасаввур кардан номумкин бошад, аз ҷониби дигар, ӯ ҳамчун мавҷуди олии табиат, идоракунанда ва харобкор, созандаю эҷодкор, ба қавли Карл Маркс, «офарандаи табиати дуюм», тағйирдиҳандаи талаботи иҷтимоӣ-биологӣ ва психологӣ мебошад”. (дисс. саҳ. 83). Муаллиф тафовути инсонро аз дигар мавҷудот дар ақлу хирад, шуурнокӣ, мақсаднокӣ, маърифатнокӣ паҳлую ҳудудҳои табиати инсон медонад. Зеро инсон табиатан ҳам дорои фитрати фардӣ ва ҳам иҷтимоӣ буда, ӯ дорои истеъдодҳои мухталиф аст. Ба ақидаи муаллифи диссерататсия “агар одамӣ аз шинохти фардияти хеш по фаротар ниҳода, қонунҳои умумӣ ва ҳақиқатҳои зиёдеро кашф мекунад ва мавқеашро дар табиату ҷомеа муайян месозад” (дисс. саҳ. 84), ки воқеан таъкид муаллиф ба маврид аст.

Дар ин қисмат муаллифи диссертатсия ақидаи Фахриддини Розӣ доир ба табиат ва моҳияти инсон баррасӣ карда, инсонро табиатан ҳам мавҷуди олӣ ва ҳам пастфитрат медонад, ки ин аз мураккабии табиати ӯ бар меояд. Масалан, чунин меҳисобад, ки инсони нексиришт дарди мардумро дарди худ дониста, шодии онҳоро шодии худ меҳисобанд, яъне хоре, ки дар пои дигарон мехалад масали ин аст, ки дар чашми ӯ фурӯъ рафтааст, ба қавли дигар дарди ҷомеа, дарди худи ӯ, шодии дигарон шодии ӯ ва андӯҳашон андӯҳи ӯ мебошад.

Муҳимтарин хусусияти табиати инсонро дар андешаҳои антропологии Фахриддини Розӣ назарияи лаззатгароӣ инсон ташкил медиҳад, зеро он

ҷузъи таркибии табиати инсонро ташкил медиҳад. Гедонизм ё худ лаззатгароӣ масъалае мебошад, ки он аз талаботҳои нафсонии инсон вобастагии зич дорад ва нафси инсон онро тавассути таъсири омилҳои берунӣ ва дохилӣ ба вуҷуд овардаю таъмин месозад. Муаллифи диссертатсия Элчибекзода Б.И. дар таълимоти Фахриддини Розӣ лаззатро ба се қисм: ақлонӣ, ҷисмонӣ ва махсус ҷудо карда, робитаю тафовут ва нақши онҳоро дар раванди саодати инсон баррасию муайян намудааст. Дар ин ҷода дидгоҳи Фахриддини Розиро бо Форобию Сино ва Мулосадро муқоиса намуда, пайравии ӯро аз Арасту, Форобӣ ва Сино нишон медиҳад. Вале қавли Фахриддини Розиро доир ба масъалаи афзалияти навъҳои лаззат бар лаззоти ақлонӣ таъкид менамояд. Аммо ҳамгуна лаззотро сарманшаи ранҷу азоб медонад. Ба қавли ӯ: "ҳамагуна лаззате, ки ба даст оварда мешавад, вобастаи хоҳиши инсон аст ва он сабаби ранҷи лаззатҳои шахс мешавад. Ба қавли ӯ, ҳар қадаре, ки ниёзмандӣ ба чизе бештар бошад, ҳамон қадар хоҳиши ба даст овардани он зиёдтар мешавад, вале ҳар чизе, ки ниёз ба ӯ камтар аст, лаззати дастёбӣ ба он низ камтар сурат мегирад. Ӯ чунин меҳисобад, "агар як косаи тиллоро ба саге бидиҳӣ, ҳеҷ таваҷҷуҳе ба он нахоҳад кард, вале аз доштани устухоне бисёртар лаззат хоҳад бурд, вале баръакси саг, инсон бошад на бо доштани устухон, балки барои ба даст овардани тилло мубориза мебарад". (дисс. саҳ. 104)

Дар доираи консепсияи «Инсони комил» дар таълимоти антропологии Фахриддини Розӣ» бошад, муаллиф Фахриддини Розиро ҳамчун мутакаллими файласуфмашраб ишора карда, роҳҳои ташаккули камолоти ахлоқию маънавии инсони комилро баррасӣ менамояд. Ба қавли муаллифи диссерататсия Фахриддини Розӣ қувваи хостаҳои нафсониро, монанди шаҳватталабӣ, пурхӯрӣ, пурхобӣ, ҷоҳталабӣ ва ғ. барои ба камол расидани инсон нишон дода, онро ба ду қисм ҷудо месозад: камол дар дунё ва камол дар охират. Ҳамчунин дар ин ҷода доир ба мартабаи камол аз нигоҳи фалсафӣ сухан ронда, онро ба се навъ: а) камоли инсон бар асоси маротиби қувваи идрок, б) мартабаи камоли инсон бар асоси маротиби қувваи оқила, в) камоли инсон бо қувваи оқила. Дар мавмуъ ҳангоми таҳлилу баррасии масъалаи саодат ва расидан ба зинаи инсони комилро муаллифи диссертатсия дар таълимоти Фахриддини Розӣ ба чаҳор мартаба: а) нафсонӣ, б) баданӣ, в) сифоти баданӣ, ва г) умури ҷудогона аз бадан, ҷудо месозад.

Хулосаи диссерататсияи Элчибекзода Б.И. аз 6 ва тавсияҳо иборат банд иборат буда, моҳият ва мазмуни диссертатсияро фаро мегиранд. Дар ин баҳсу мунозараи Фахриддини Розӣ бо мактабҳои каломӣ ва фалсафӣ нишон дода шуда, муносибати шаккокияи мутафаккир нишон дода шудааст. Ҳамчунин афкору назарияҳои инсоншиносии Фахриддини Розӣ дар масъалаҳои руҳу ҷисм, таносуби нафсу ҷисм, ҳифзи бадан, табиат ва моҳияти инсон, озодии ирода, ҷабру ихтиёр, ҳусну қубҳ, камол ва нуқс, ақл ва ҷаҳл, пайдоишу таъйиноти инсон, ақлу ирода, тафовутҳои нафсонӣ, мизоҷӣ (гармӣ, сардӣ, тарӣ ва хушкӣ), табъи инсон, руҳи малакутию

осмонӣ, нафси муҷаррад, аҷзои зоҳирию ботинӣ, ваҳдати нафс, адами ҷисмонияти нафс, аҷзои аслӣ (боқӣ ва ғайри қобили тағйир) ва аҷзои фардии нафс (қобили тағйир), ахлоқи инсон, кайфиёти ҷисмонӣ ва нафсонӣ, озодӣ (мухторият ва ғайримухторият, ихтиёрӣ ва ғайриихтиёрӣ), неруи ирода, худшиносӣ, худташаккулдиҳӣ, саодати инсон, камол ва нуқси нафс, лаззати нафс, лаззати ҷисмонӣ, руҳию ҳиссӣ, лаззату ранҷ, камолоти ҷисмонию руҳонӣ, зиддияти байни лаззоти ҳиссӣ ва саодати инсонӣ, қувваҳои нафс: олима ва оқила, идрокоти ҷузъӣ, ақл ва ҳавои нафс, дарку шинохт, маърифати Худо ва олам, камоли инсон, маротиби қувваҳои идрок - қувваи ҳассос, қувваи хаёл, қувваи ақлия, қувваи фикрия, қувваи қудсия ва қувваҳои оқила-ақли ҳаюлонӣ, ақли билмалакутӣ, ақли билфеъл, ақли мустафод, олами мумкин - олами амр ва олами халқ (ё ҷисмониёт), ахлоқ (ҳамчун зинаи камолот), роҳҳои расидан ба саодат, ҷойнишини Худо будан дар замин, камолоти инсон - комил, ноқис ва холӣ аз он ду сифат, мартабаҳои сегонаи - шариат, тариқат ва ҳақиқат, олами шаҳодат ва олами ғайб, анвои саодат - саодати нафсонӣ, саодати бадан (тансиҳатӣ), саодати хориҷӣ (тарбияи кӯдакони солеҳ, хулқи нек, кори нек ва ғ.), истеъдодҳои нафс, иртиботи инсон-бо Худо, бо хеш ва ҷомеаву табиат, мусаххаркунандаи кӯҳу даштҳо ва дарёву баҳрҳо ва ғайра ишора гардидаанд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии диссертатсия** аз он иборат аст, ки метавон бештари нуктаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсияро соҳаҳои гуногуни илм, монанди таърихи фалсафа, антропология, сотсиология, диншиносӣ, психология, ахлоқу зебоишиносӣ метавон истифода намуд. Инчунин нуктаҳои муҳими диссертатсияро метавон дар барномаҳои таълимӣ, лексияҳо ва курсҳои махсус баҳри ташаккули худшиносии миллӣ, ҷаҳонбинии фалсафӣ ва пешгирии хатару таҳдидҳои равияву ҷараёнҳои ифротроӣ истифода намуд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Нуқтаҳо ва хулосаҳои асосии диссертатсия дар 9 мақола, аз ҷумла, 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифтааст, чоп шудаанд.

Хулосаҳои назариявию натиҷаҳои аз кори диссертатсионӣ ба даст омада, дар ташаккули худшиносии миллӣ, эҳтиром ба арзишҳои фарҳанги миллию дунявӣ дорои аҳаммияти арзиши баланди илмӣ мебошанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Элчибекзода Баҳригул Идибек дар мавзуи «Масъалаи инсон дар таълимоти Фахриддини Розӣ» ба талаботи шиносномаи тахассус: 09.00.03 – Таърихи фалсафа ва ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст мутобиқат мекунад. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шудааст ва дорои аҳамияти муҳими илмӣ-назариявӣ мебошад. Сатҳи навгонии

илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Автореферат, ки муҳтавои диссертатсияро ифода мекунад, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муҳтавои асосии диссерататсияро инъикос менамояд.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар диссертатсияи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, хатоҳои имлоӣ-грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Дар саҳифаи 70 диссертатсия муаллиф менависад, ки “нафс дар тан чизи латиф буда, бе мавҷудияти тан наметавонад вуҷуд дошта бошад, вале руҳ бошад, аз олами дигар аст”. ..., вале чизи дигар будани рӯҳ шарҳ дода нашудааст.

Дар саҳ. 71 омадааст: “Ҳатто руҳи инсон низ дар ин раванд ба ду қисм ҷудо мешавад, қисме маъмури идрок ва қисме маъмури амал аст. Аммо амалро метавон дар ин ҷода ба се қисм ҷудо намуд: наботӣ, ҳайвонӣ ва инсонӣ, вале идрок ба ду қисм аст: ҳайвонӣ ва инсон”.

Ва ниҳоят: дар саҳ. 78 диссертант менависад: Дар хусуси руҳи инсонӣ низ байни муҳаққиқон ихтилофҳои зиёд мавҷуд буда, гурӯҳе ӯро дохили бадан (намояндагони дин) ва гурӯҳе (аҳли фалосифа) на берун ва на даруни бадан донистаанд, чун нафси нотиқа дар макон нест ва муҳтоҷ ба макон низ наметавонад бошад. Чун дар макон нест, наметавон гуфт, ки дохили бадан аст ё хориҷи бадан, зеро дохил ва хориҷ сифоти ҷисмонияанд ва нафси нотиқа ҷисму ҷисмонӣ нест. [14, с. 24]

Руҳ гуфта Шумо чиро дар назар доред: Оё он моддӣ аст ё ғайримоддӣ ? Ҳол он ки фарқияти руҳ ва нафс дар ҳақиқат вуҷуд дорад ва он дар диссертатсия нишон дода нашудааст.

2. Масъалаи ҷабру ихтиёр ё озодии иродаи инсон дар таълимотҳои файласуфон, аз ҷумла дар таълимоти Ибни Сино сатҳӣ нишон дода шудааст. Ҳол он ки таълимоти ӯ аз Ф. Розӣ тафовут дорад: дар рисола омадааст, ки “файласуфон:Эпикур, Суқрот, Афлотун, Арасту, Абубакри Розӣ, Форобӣ, Ибни Сино ... кӯшидаанд масъалаи ҷабр ва ихтиёрро дар доираи “ақли муҷарраду маҳз” ҳал намоянд “. Аммо чӣ гуна он ҳалли худро ёфтааст, мушаххас нишон надода шудааст. Як чизро таъкид мекунам, ки ҷабр, қазову қадар ё зарурат дар таълимоти Ибни Сино қонунҳои табиатро низ ифода мекунад ва маҳз дарки қонунҳои он аз ҷониби инсон ӯро озод мекунанд.

3. Дар диссертатсия мақоми инсони комил дар сатҳи баланд коркард шудааст. Хуб мебуд агар вижагии он аз дигар таълимотҳо оиди инсони комил, масалан дар муқоиса бо Ибни Сино, нишон дода мешуд.

4. Дар диссертатсия хатоҳои имлой-грамматикӣ низ ҷой доранд ва хуб мешуд он ислоҳ мегардид, аз ҷумла калимҳои: Заркариёи Розӣ (62); нигоҳ динӣ (с.68); як аз (с.72); рабитаи ва ғайра

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назарию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунад ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Элчибекзода Баҳригул Идибек дар мавзуи «Масъалаи инсон дар таълимоти Фахриддини Розӣ» аз рӯйи ихтисоси 09.00.03. – Таърихи фалсафа пешниҳод гардидааст, дар сатҳи илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31,33,34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмхои фалсафа, профессори
кафедраи фанҳои ҷомеашиносии
Донишгохи техникии Тоҷикистон
ба номи М.С. Осимӣ **Раҳимов М. Ҳ.**
05 08 соли 2025

Суроға:734012, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур,
Хиёбони Айнӣ – 23/16, утоқи 22.
Тел: +992918827393; +992973806680
E-mail: rakhimov55@mail.ru

**Имзои профессор М. Раҳимовро тасдиқ мекунам.**
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДТТ ба номи М.С.Осимӣ
**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони академик Раҷабовҳо, 10 **Қодирзода Н.Ҳ.**

Суроғаи муассиса: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, х. Раҷабовҳо 10
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи
Академик М.С.Осимӣ
Тел.: 992 (37) 221-35-11
E-mail: info@ttu.tj; WWW.@ttu.tj
05 08 соли 2025